Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ**

## 1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.

Дар иқтисоди давраи гузариш яке аз вазифа ва ҳадафҳои муҳими стратегии иқтисоди миллӣ ин тезонидани суръат, баланд бардоштан ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисоди мамлакат ба шумор меравад. Чӣ хеле ки муаллифи автореферат қайд намудааст, яке аз сабабҳои асосии монеаҳо ин гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба роҳи бозории муосир, диққати махсус зоҳир накардан ба нақши афзояндаи омилҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти кишвар, маҳдуд будани сармоягузориҳо дар рушди инсон, яъне соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба шумор мераванд.

Аз он сабаб, ки дар давраи гузариш ва гузаронидани ислоҳотҳои бозорӣ қарор дорем, нуктаи назар ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва хусусияти ташкили онҳо дар бозорҳои гуногуни меҳнат тағйир ёфтааст. Инчунин ҷанбаҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, алалхусус он бо тағйироти куллии шакли моликият дар кишвар вобаста мебошад ва он ба таври қатъӣ коҳиш додани моликияти давлатӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои моликияти коллективӣ ва хусусӣ ба вуқӯъ пайваст, ки албатта ба бартарафсозии системаи мутамаркази идоракунии иқтисодиёт оварда расонид. Дар ташаккули фаҳмиши нави сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди шарикии иҷтимоӣ, нақши муҳимро институтҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебозанд. Аз ин рӯ, мавзӯи рисолаи илмӣ муҳим мебошад.

## 2. Сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо.

Ба андешаи муаллифи автореферат яке аз тамоюлҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳони муосир дар шароити имрӯза ин иҷтимоикунонии фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои рӯ ба инкишоф ниҳода ва чун узви иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ зери таъсири тамоюли иҷтимоикунонии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ қарор дорад. Бо дарназардошти мураккаб ва васеъшавии муносибатҳои бозорӣ, рӯ овардан ба рушди

иҷтимоӣ-иқтисодии инноватсионӣ, баромадани корхонаҳою истеҳсолот ба бозори ҷаҳонӣ, дар самтҳои гуногун омода намудани мутахассисони касбӣ ва варзидаи соҳаҳои мухталиф, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо музди меҳнати арзанда, фароҳам овардани шароити муносиб барои ҳосилнокии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии коргаронро талаб менамояд. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва мақсадҳои гузоштошуда, чӣ хеле ки диссертант қайд намудааст, пеш аз ҳама тағйирот дар мафҳуми масъулияти иҷтимоӣ ва таҳким додани дониш дар ин самт аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Муаллиф исбот менамояд, ки нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ муҳим мебошад. Инчунин дастовардҳои диссертант дар он аст, ки хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст ва сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст.

**3. Эътиборнокӣ ва навоварии илмии диссертатсия.**

Яке аз дастовардҳои диссертант дар он аст, ки моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ ифода меёбад ва раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад, муайян намудааст.

Диссертант пешниҳод менамояд, ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ истифода бурда шавад, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд. Инчунин муайян карда шудааст, ки дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ниҳоди муҳим буда, ҷиҳати созиши манфиатҳои иштирокдорон дар ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баромад мекунад.

Дар автореферат тамоюлҳои ташаккул ва рушди падидаи шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти мамлакат муайян карда шудааст. Таҳлилҳои гузаронидаи диссертант нишон медиҳад, ки пайваста бо рушди субъектҳои иқтисодӣ, имконияти рушди иҷтимоии кормандон ба миён омада, ба баланд бардоштани сатҳи тахассус, маълумотнокӣ ва таҷрибагирии онҳо мусоидат менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳои ба даст овардашуда дар рисолаи илмӣ баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки онҳоро қайд кардан зарур аст:

1. Барои баланд бардоштани сифати рисолаи илмӣ ва дар амал татбиқ намудани он беҳтар мешуд, агар муаллиф аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, махсусан давлатҳои иқтисодиёту иҷтимоиёташон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монандро мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси таҳлили муқоисавии онҳо пешниҳодҳои конкретӣ медод.

2. Хуб мешуд, агар муаллиф дар рисолаи худ ба омӯзиш ва таҳияи моделҳои муосири шарикии иҷтимоӣ диққат зоҳир мекард.

3. Дар автореферат баъзе камбудиҳои имловӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои қайд кардашуда қиммати илмию амалии рисолаи илмиро паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ, мавзӯи кори диссертатсионӣ пурра кушода шудааст. Автореферат ва мақолаҳои нашршуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар дараҷаи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Диссертатсияи илмии иҷрошуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он, Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, мудири кафедраи**
**назарияи иқтисодии ДДҲБСТ** **Раҳимов Абдулатиф Маҷидович**

**Суроға: 735701, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, куч. Қ. Ниёз 54**
**Тел.: 992927748463, E-mail: Latif_58@mail.ru**

**Имзои А.М. Раҳимовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**